«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

д.и.и., дотсент ________ Бобозода К.О.

«26» ___06___ 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

## I. Мутобиқати мавзӯъ ва мӯҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023 таҳти № 6 тасдиқ шудааст) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050900 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): Қисми 1. Молия; бандҳои 1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.6. Ҷанбаҳои ниҳодии низоми молиявӣ; 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ; 2.29. Самаранокии низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ; 3.6. Молияи соҳаҳо; 3.7. Молияи субъектҳои шаклҳои гуногуни моликият, мувофиқат мекунад.

## II. Мубрамияти мавзӯи тадқиқот

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ таъмини фаъолияти устувори соҳаи иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳимояи иҷтимоӣ) ба захираҳои молиявии сохторӣ ниёз дорад. Бо сабаби афзоиши ӯҳдадориҳои ҷории буҷетӣ ва маҳдудияти имкониятҳои фискалии давлат зарурати объективии ҷалби манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ, аз ҷумла сармояи хусусӣ тавассути механизми шарикии давлатӣ-хусусӣ (ШДБХ) ба миён меояд. Амалияи хариди анъанавии давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки тамоми хавфу хатарҳои молиявӣ ва хароҷоти иловагии марбут

ба сохтмон ва идоракунии объектҳои иҷтимоӣ танҳо ба зиммаи давлат мансуб мебошад. Мубрамияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки механизми ШДБХ усулҳои нисбатан навро барои тақсими одилонаи хатарҳои молиявӣ - сохтмонӣ, амалиётӣ ва таваррумиро - байни давлат ва бахши соҳибкорӣ пешниҳод менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол усулҳои ягонаи методологии арзёбии самаранокии молиявии лоиҳаҳои ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла нишондиҳандаи «Нисбати нарх ва сифат» (Value for Money - VfM) ташаккул наёфтааст. Аз норасогии чунин заминаи методӣ хавфи истифодаи ғайрисамараноки маблағҳои давлатӣ ва хусусӣ афзоиш меёбад, ки ин ҳолат зарурати омӯзиши мавзуъро исбот месозад. Мавзӯи тадқиқот пурра ба афзалиятҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мутобиқ аст, ки дар он рушди сармояи инсонӣ ва фаъолсозии шарикии давлатӣ-хусусӣ дар шумори вазифаҳои калидии миллӣ муайян шудааст. Дар ин замина таҳияи механизмҳои самараноки молиявии амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоӣ аҳамияти калони стратегӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки аксарияти тадқиқотҳои мавҷуда дар соҳаи ШДБХ асосан ба бахшҳои энергетика ва инфрасохтори нақлиёт равона шудааст. Ҷанбаҳои молиявии ШДБХ нисбат ба соҳаи иҷтимоӣ - аз ҷумла маориф ва тандурустӣ, ки бо фоиданокии тиҷоратии паст ва аҳамияти баланди ҷамъиятӣ тавсиф мешаванд - ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ин фосилаи холии илмӣ мустақиман мубрамияти бевоситаи таҳқиқоти мазкурро асоснок менамояд.

Аз ин лиҳоз, масъалаҳои таъмини самаранокии фаъолияти соҳаи иҷтимоӣ, такмили механизмҳои молиявии шарикии давлатӣ-хусусӣ ва таҳияи сиёсате, ки ба қаноатмандсозии пурраи эҳтиёҷоти иҷтимоии аҳолӣ равона шудааст, барои илм ва амалияи иқтисодии муосир афзалиятнок мебошанд.

### III. Дараҷаи асоснокии мавқеъҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо

Мавқеъҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои баёншуда дар диссертатсия бо дараҷаи баланди асоснокӣ фарқ мекунанд. Ин бо таҳлили амиқи назариявии мушкилоти мавриди баррасӣ, татбиқи усулҳои гуногуни илмии мутобиқ ба вазифаҳои гузоштащуда, инчунин истифодаи заминаи васеи эмпирикӣ тасдиқ мегардад.

Заминаи иттилоотии тадқиқот монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти Вазорати молия,

Вазорати маориф ва илми ҶТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин як қатор мақомоти дигари соҳавиро дар бар мегирад.

Дар ҷараёни тадқиқот таҳлили мунтазами шумораи зиёди нашрияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба асосҳои назариявӣ, равишҳои методологӣ ва абзорҳои амалии танзими ҷанбаҳои молиявии ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ бахшида шудааст, гузаронида шудааст. Дар асоси ин муаллиф, нуқтаи назари худро дар шакли хулосаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Ҳамчун асоси методологии диссертатсия усулҳои системавӣ, оморӣ, риёзӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, муқоисавӣ ва монографӣ, инчунин усулҳои таҳлил ва синтез истифода шудааст. Маҷмӯи васеи методологӣ, боэътимодии натиҷаҳои ба даст овардашударо таъмин менамояд.

## IV. Навгонихои илмии таҳқиқот ва боэътимодии натиҷаҳои ба даст овардашуда

Навгонии илмии таҳқиқот дар масъалагузорӣ ва ҳалли комплексии вазифаҳои марбут ба маблағгузории механизмҳои ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ, инчунин дар таҳияи самтҳои ташаккули низоми рақобатпазирии хизматрасониҳои иҷтимоӣ зоҳир гардидааст. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- Дар асоси систематизатсияи равишҳои назариявӣ ва методологии иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ муаллиф мӯҳтаво ва моҳияти мафҳуми шарикии давлатӣ-хусусиро нисбат ба соҳаи иҷтимоӣ мушаххас намудааст. Нақши ШДБХ ҳамчун механизми калидии ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ба соҳаҳои дорои аҳамияти баланди иҷтимоӣ асоснок карда шудааст. Асосҳои назариявӣ ва методии рушди инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ дар заминаи амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян шудааст (с. 14–42).

- Хусусиятҳои хоси ШДБХ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо назардошти шароити муосири иқтисодӣ-ҳуқуқӣ омӯхта шудааст. Арзёбии комплексии вазъи низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ гузаронида шуда, мушкилоти калидӣ ва монеъаҳои расонидани онҳо ошкор карда шудааст; SWOT-таҳлили фаъолият ва дурнамои рушди лоиҳаҳои ШДБХ дар ин соҳа гузаронида шудааст (с. 43–89).

- Таҷрибаи хориҷии рушди ШДБХ дар кишварҳои Аврупо, ИМА ва Русия ҷамъбаст карда шуда, унсурҳо ва механизмҳое, ки барои Тоҷикистон манфиати амалӣ доранд, ҷудо карда шудааст. Таҳлили муҳити институтсионалии ШДБХ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ гузаронида шуда, самтҳои мустаҳкам кардани иқтидори институтсионалии кишвар ва

чораҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар чаҳорчӯби Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 асоснок карда шудааст (с. 90–119).

- Механизмҳои ҷорисозии муштараки инноватсияҳо аз ҷониби давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ мавриди таҳлил карор дода шудааст. Нуқтаи назари муаллифии рушди ин ҳамкориҳо пешниҳод шудааст, аз ҷумла: муайян кардани шартҳои пешакии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ; мушаххас намудани самтҳои баланд бардоштани сифати зисти аҳолӣ; ошкор намудани тамоилҳои актуалии рушди соҳаи иҷтимоӣ; арзёбии таъсири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; рушди шаклҳои электронӣ ва шабакавии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ (с. 120–145).

**V. Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳамияти назариявии диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар рушди мавқеъҳои илмӣ ва такмили асосҳои методии истифодаи механизми ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ, инчунин дар ташаккули равишҳои консептуалӣ ба дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ иборат аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он муайян мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии ШДБХ, инчунин ҳангоми таҳияи моделҳои молиявии амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоӣ бо ҷалби сармояи хусусӣ татбиқ шаванд.

Маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми тадриси фанҳои зерин истифода шавад «Молияи давлатӣ», «Молияи ташкилотҳо», «Иқтисодиёти соҳаи иҷтимоӣ», «Менеҷменти иҷтимоӣ», «Иқтисодиёт ва сотсиологияи меҳнат», «Омор», «Омори иҷтимоӣ-иқтисодӣ».

**VI. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот ва асоснокии хулосаҳо**

Боэътимодӣ ва асоснокии мавқеъҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия бо такя ба принсипҳои бунёдии назарияи муосири иқтисодӣ, осори олимони пешбари ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи молия, идоракунии давлатӣ ва иқтисодиёти иҷтимоӣ, инчунин дар заминаи репрезентативии оморӣ таъмин мегардад.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда бо пайдарпаии мантиқӣ, мутобиқати дохилӣ ва мувофиқат ба талаботи муосир ба тадқиқотҳои диссертатсионӣ

тавсиф мешаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо натиҷаҳои таҳлили эмпирикӣ асоснок шудааст, ки қобилияти амалии тадбики онҳоро баланд мебардорад.

**VII. Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар тадқиқот**

Тадқиқот бо гузоштани равшани ҳадаф ва вазифаҳо, таъриф дурусти предмет ва объект, инчунин асосноккунии пайдарпайи пояи назариявӣ-методологӣ фарқ мекунад. Тамоми натиҷаҳои асосии тадқиқот, аз ҷумла хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудааст.

Саҳми шахсии диссертант дар мустақилона гузаронидани тадқиқоти илмӣ, тайёр кардан ва нашр намудани мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшаванда, инчунин дар пешниҳоди натиҷаҳои кори дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ифода меёбад. Маҷмӯи маводи пешниҳодшуда саҳми шахсии илмии довталабро дар таҳияи мушкилоти таъмини молиявии механизмҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ тасдиқ мекунад.

**VIII. Нашри натиҷаҳои тадқиқот дар нашрияҳои илмии тақризшаванда**

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотнома дар бораи татбиқ № 46/а аз 23 майи соли 2025) ҷорӣ карда шудааст, инчунин дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотнома дар бораи татбиқ аз 16 апрели соли 2025) истифода мегардад.

Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои ба даст овардашуда дар ҷараёни тадқиқоти диссертатсионӣ дар 22 нашрияи илмии муаллиф, аз ҷумла дар 12 мақолаи нашршуда дар маҷаллаҳои илмии рецензишавандае, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, инъикос ёфтааст.

**IX. Арзёбии мазмуни пуррагии диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он**

Мазмун, сохтор ва мантиқи сохтмони диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон бо мавзӯи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», пурра ба ҳадаф, вазифаҳо ва предмети тадқиқоти гузошташуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия дар 174 саҳифаи матни компютерӣ баён шуда, 24 ҷадвал, 3 диаграмма, 21 расм ва 4 замимаро дар бар мегирад. Рӯйхати библиографӣ 186 манбаъро дар бар мегирад, ки ин аз истифодаи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ шаҳодат медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи тадқиқот, дараҷаи коркарди мушкилоти илмӣ асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмети тадқиқот муайян шудааст, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор ошкор карда шуда, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, маълумот дар бораи нашрияҳои муаллиф инъикос ёфта ва сохтори умумии диссертатсия пешниҳод шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои консептуалии маблағгузории равандҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» ба омӯзиши пояҳои назариявӣ-методологии маблағгузории ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, таҳлили механизмҳои молиявии расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир, инчунин омӯзиши шаклҳо ва моделҳои асосии маблағгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Муаллиф бо далел нишон медиҳад, ки дар шароити афзоиши бори иҷтимоӣ ба давлат ва мураккабшавии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ механизмҳои анъанавии маблағгузории буҷетӣ дигар қодир нестанд, ки рушди устувори инфрасохтори иҷтимоиро пурра таъмин намоянд. Дар ин робита абзорҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун механизми самараноки ҷалби захираҳои ғайрибуҷетӣ аҳамияти хоса пайдо менамоянд.

Тафсири муаллифии шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун механизми институтсионалии ҳамкории давлат ва тиҷорат, ки он ба ҳалли вазифаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва амалисозии лоиҳаҳои аҳамияти умумӣ равона шудааст, сазовори диққату эътибори хоса мебошад.

Дар боби дуюм «Таҳлили маблағгузории ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоиёт дар замони муосир» таҳлили комплексии ҷанбаҳои молиявии фаъолияти шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, хусусиятҳои маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои мутобиқкунии таҷрибаи хориҷӣ дар шароити миллӣ омӯхта шудааст.

Диссертант асосан қайд мекунад, ки тағйироти муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷустуҷӯи абзорҳои нави молиявии рушди соҳаи иҷтимоиро талаб мекунанд. Маҳдудияти захираҳои буҷетӣ бараъло зарурати васеъ кардани иштироки бахши хусусиро дар маблағгузории лоиҳаҳои иҷтимоӣ ба миён меорад.

Дар кор нақши афзояндаи низоми маориф ҳамчун яке аз омилҳои калидии ташаккули сармояи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таъмини рушди устувори иқтисод таъкид карда

мешавад. Таҳлили динамикаи хароҷоти буҷетӣ барои маориф зарурати диагргунсозии манбаъҳои маблағгузории ин соҳаро тасдиқ мекунад.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалии шарикии давлатӣ-хусусии гузаронидаи муаллиф манфиати илмии назаррасро ифода мекунад, ки самаранокии баланди ин механизмро ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва таъмини рушди устувори инфрасохтори иҷтимоӣ нишон медиҳад.

Дар боби сеюм «Самтҳои асосии маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон» масъалаҳои такмили муҳити институтсионалӣ, рушди механизмҳои инноватсионии маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ ва модернизатсияи механизми молиявии шарикии давлатӣ-хусусӣ баррасӣ шудааст.

Муаллиф дар ҳақикат дуруст таъкид мекунад, ки мустаҳкам кардани иқтидори институтсионалии давлат, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва рушди механизмҳои ҳисоботдиҳӣ шартҳои муҳимтарини амалисозии муваффақонаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошанд.

Аз ҷониби муаллиф хулосае асоснок шудааст, ки шарикии давлатӣ-хусусӣ яке аз абзорҳои перспективии афзалиятноки модернизатсияи инфрасохтори иҷтимоӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба рушди сармояи инсонӣ мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия хулосаҳои илман асоснокгардашуда ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудааст, ки ба такмили механизмҳои молиявии истифодаи шарикии давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

## X. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон мутобиқи талаботи банд 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, расмигардонида шудааст.

Сохтори кор, мӯҳтавои бахшҳои асосии он, барасмиятдарории дастгоҳи иснод, рӯйхати библиографӣ ва замимаҳо ба талаботи Дастурамал оид ба расмиятгардонии диссертатсияҳо ва хулосаҳои диссертатсияҳо, ки бо қарори Президиуми Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 3 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Хулосаи диссертатсия ва корҳои илмии нашршудаи муаллиф мӯҳтавои тадқиқот, натиҷаҳои асосии илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии ба даст овардашударо дар ҷараёни иҷрои кори диссертатсионӣ мутаносибан инъикос мекунанд ва пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд.

**XI. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Омӯзиши маводи пешниҳодшуда ва ҳуҷҷатҳо гувоҳи он аст, ки тахассуси илмӣ, маълумот, самти фаъолияти илмӣ ва мӯҳтавои тадқиқоти диссертатсионии Наботзода Парниён Ҷумъахон пурра ба ихтисоси илмии эъломшуда мутобиқ мебошад.

Мавзӯи диссертатсия «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ»,, инчунин натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда ба шиносномаи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ва талаботи банд 17 ва 18 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф дар доираи ихтисоси эъломшуда қарор доранд, инчунин дорои навгонии илмӣ буда барои рушди минбаъдаи илми молиявӣ ва такмили механизмҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**XII. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия**

Умуман кори диссертатсионӣ бо сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ, пайдарпаии мантиқии баёни маводи, дараҷаи кофии асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин баъзе мавқеъҳои тадқиқот хусусияти баҳсталаб доранд ва ба аниқшавии иловагӣ ниёз доранд.

- Дар расми 1.4 (с. 27) бартариятҳо ва камбудиҳои механизми шарикии давлатӣ-хусусӣ пешниҳод шудааст. Бо вуҷуди ин баъзе мавқеъҳои ин тасниф метавонистанд бо шарҳҳои иловагӣ ҳамроҳ шаванд, ки ин имкон медод арзиши амалии онро пурратар ошкор намоянд. Ин эрод хусусияти тавсиявӣ дорад ва арзиши илмии мавод пешниҳодшударо коҳиш намедиҳад.

- Дар саҳифаи 57 муаллиф дар хакикат низоми ташаккулнаёфтагии институтсионалии ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дуруст қайд менамояд. Ҷалби иловагии нишондиҳандаҳои мушаххаси миқдорӣ ва унсурҳои таҳлили муқоисавӣ метавонист далелнокии ин мавқеъро боз ҳам бештар мустаҳкам намояд, ҳарчанд умуман он қонеъкунанда асоснок карда шудааст.

- Барои арзёбии механизми иҷтимоӣ-иқтисодии шарикии давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ SWOT-таҳлил гузаронида шудааст, ки

натиҷаҳои он мазмунан ва сохторан пешниҳод шудааст. Ба мақсади рушди минбаъдаи кор натиҷаҳои ин таҳлил метавонистанд бо тавсияҳои амалии гуногунтар пурра карда шаванд, ки, ин дар асл, камбудии принсипиалӣ намебошад.

- Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи хориҷии маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ муаллиф амалияҳои гуногуни байналмилалиро баррасӣ кардааст, ки ин ба баҳои баланд сазовор аст. Ба тариқи пешниход метавон қайд кард, ки баррасии муфассалтари таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти татбиқии тадкиқотро барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам бештар мустаҳкам менамуд.

- Дар шароити муосири трансформатсияи рақамии иқтисодиёт мувофиқи мақсад буд, ки ба масъалаҳои рақамигардонии механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷорикунии платформаҳои рақамии идоракунии лоиҳаҳои ШДБХ ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ҳангоми расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ бештар диққат дода мешуд.

- Дар матни диссертатсия ноаниқиҳои гуногун ва таҳририӣ дучор мешаванд, ки ба арзиши илмии тадкиқот ягон таъсире надоранд ва муаллиф метавонад, ки ҳангоми корҳои таҳқиқотии ояндаи худ ба инобат гирад.

- Дар баъзе ҷадвалҳои диссертатсия (аз ҷумла ҷадвалҳои 2.3 ва 3.1) воҳидҳои ченкунии нишондиҳандаҳо ба сарлавҳаҳои сутунҳо бароварда шудаанд, дар ҳоле ки дар як қатор ҷадвалҳои дигар онҳо дар сатри алоҳида нишон дода шудаанд. Унификатсияи ин усули расмигардонӣ дар доираи ба анҷом расонидани кор ба матн зебоии визуалии бештар мебахшид, ҳарчанд ин эрод хусусияти истисноии техникӣ дорад ва тарафи мазмунии тадқиқотро ба назар намегирад.

- Дар баъзе мавридҳо ҳангоми зикри аввалини ихтисорот (аз ҷумла ШДБХ ва як қатор дигарон) рамзкушоии онҳо мустақиман дар матн дода шудааст, аммо дар баъзе параграфҳо ин қоида ба таври пайдарпай риоя карда намешавад. Тартиб додани рӯйхати ҷамъбастии ихтисорот ва аломатҳои шартӣ дар аввали кор ин номутобиқати ночизи техникиро рафъ менамуд.

Бояд қайд намуд, ки тамоми эродҳои номбаршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва танҳо ба ҷанбаҳои техникӣ ва таҳририи алоҳидаи расмигардонии кор дахл доранд. Онҳо арзиши илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва талаботи амалии таҳқиқоти гузаронидашударо коҳиш намедиҳанд. Ба назар гирифтани онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмии муаллиф имкон медиҳад

аҳамияти илмӣ ва татбиқии нашрияҳои минбаъдаро боз ҳам баланд бардорад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 22 кори илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар нашрияҳои илмии такризшавандае, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, нашр шудааст. Мӯҳтавои нашрияҳо мавқеъҳои асосӣ, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои тадқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос мекунад.

**XIII. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда чунин хулоса бароварда мешавад, ки диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», пешниҳодшуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), тадқиқоти илмии-тахассусии пурраи мустақилест, ки дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва методологӣ иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ натиҷаҳои нави илман асосноккардашуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро дар бар мегирад, ки барои рушди илми молиявӣ, такмили механизмҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

Аз рӯи мубрамияти мушкилоти мавриди таҳқиқот, дараҷаи навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда, асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳо диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод мешавад, мутобиқ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Наботзода Парниён Ҷумъахон сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар мутобиқи талаботи банд 76 - 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, тайёр карда шудааст.

Такриз аз ҷониби Холбобоев Ф.С.- номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи иктисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ омода шудааст.

Такриз дар ҷаласаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ шудааст

**Хулосаи умумӣ:** Дар асоси таҳлили гузаронидашуда кори диссертатсионии Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» ба талаботи пешниҳодшуда ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ҷавобгӯ мебошад ва метавонад барои дифоъ тавсия дода шавад.

(протокол № _06 _ аз «_26_» _июни_ соли 2026).
Дар ҷаласа _14_ нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ:**

- Тарафдор _14_ нафар;
- Зид __-___ нафар;
- Бетараф __-___ нафар;

**Раиси ҷаласа**
мудири шуъбаи таҳқиқоти иқисодиёти бахши вокеии
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ
н.и.и., дотсент **Ф.А. Қодиров**

**Муқарриз**
ходими пешбари илмии шуъбаи иқтисодиёти
ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ
н. и. и. **Ф.С. Холбобоев**

**Котиби ҷаласа**
котиби илмии Институти
иқтисодиёт ва демографияи АМИТ
н. и. и., дотсент **Обидова М.Р.**

*Имзоҳои Ф.А.Қодиров, Ф.С. Холбобоев ва М.Р. Обидоваро тасдиқ менамоям.*

**Нозири калон оид ба кадрҳои ИИД АМИТ** **Махсутшоева З.Д.**

*Суроғаи муассиса:* Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе кучаи Айнӣ - 267
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ